*Ба Шурои диссертатсионии 6D 014 – назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Ҳавасмандкунии иқтисодӣ омили асосии пешрафт дар бахши иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Зарурати тақвияти ҳавасмандкунии давлатӣ дар танзими бозори ширро ҳам хусусиятҳои соҳавӣ ва ҳам минтақавии бахши кишоварзии иқтисодиёт талаб мекунад. Бояд қайд намуд, ки хусусияти маҳсулоти ширӣ (ҳатто дар шакли коркардшуда, он ба нигоҳдории дарозмуддат вобаста набуда, муҳлати муайяни фурӯш ё коркардро талаб мекунад) бидуни чораҳои дахлдори танзимкунандаи давлат роҳандозии нархҳои дорои хусусияти монополии коркардкунандагонро ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, барои такмили соҳаи мазкур моро зарур аст, ки бозори шир ва маҳсулоти ширии худро рушд дода, манфиатҳои қишрҳои ақибмондаи иҷтимоӣ (асосан табақаҳои камдаромад) ва истеҳсолкунандагони шири ватаниро ҳифз намоем.

Диссертант қайд менамояд, ки шарти асосии рушди устувори истеҳсоли шир дар минтақа афзоиши маҳсулнокии чорво мебошад. Аз ин рӯ, самти умедбахши рушди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳифзи беҳтарин генофонд, амалӣ намудани чорабиниҳои селексионӣ ва зотпарварӣ ва баланд бардоштани иқтидори генетикии ҳайвонот мебошад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти вазъи кунунии корхонаҳои коллективии кишоварзӣ татбиқи ин самт, ба андешаи мо, танҳо бо маблағгузории пурраи ҷумҳурӣ ва буҷетҳои минтақавии хоҷагиҳои зотпарварӣ ва хоҷагиҳое, ки корҳои зотпарварӣ анҷом медиҳанд, инчунин, корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба тибби бойторӣ ва истеҳсоли хӯрок имконпазир мегардад. Барои боз ҳам беҳтар намудани хариди шир ва васеъ кардани минтақаи ашёи хом ба корхонаҳо лозим аст, ки як қатор чораҳоро таҳия намоянд, аз ҷумла: такмили муносибатҳо дар асоси таъсири ҳамбастагӣ ва ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ, танзими нархҳои барои ҳарду ҷониб муфид, такмил додани муносибатҳои шартномавӣ, ҳавасмандсозии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар рушди чорвои ширдеҳ ва афзоиши ҳаҷми таъминоти шир, афзоиши бозорёбии шир ва баланд бардоштани сифати он.

Дар марҳилаи кунунӣ ба рушди ҳамгироӣ дар маҷмааи агросаноатӣ

зарурати корхонаҳои кишоварзӣ барои рафъи буҳрон ва ба эътидол овардани вазъи иқтисодӣ, зарурати барқарор кардани робитаҳои азбайнрафтаи истеҳсоливу иқтисодӣ, эҳтироми манфиатҳои тамоми соҳаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ, такмили идоракунии равандҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокӣ, истифодаи самарабахши моликият дар истеҳсолоти кишоварзиро талаб менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, даққиқи маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф такмили механизми рушди соҳаи чорводории минтақаро таҳия, муаммоҳои мавҷударо муайян ва самтҳои афзалиятноки рушди бозори кишоварзиро асоснок кардааст. Бояд қайд кард, ки дар баробари муваффақиятҳо автореферат аз камбудиҳо низ холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки дар автореферат оид ба меъёри таъминоти хуроки баландсифати чорвои ширӣ дар хоҷагиҳо таҳлил мегузаронид .
2. Дар автореферат оид ба ҳаҷми воридот ва содироти шир ва маҳсулоти ширӣ дар мамлакат маълумот оварда нашудааст.

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD)-и Шамсов Ҷ.И. дар мавзуи “Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ба талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисола барои дарёфти дараҷаи доктoранти PhD, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктoранти PhD, аз руйи ихтисои 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба таълим ва
идораи сифати таҳсилоти
ДДД, н.и.и., и.в. дотсент Қудратзода П.Қ.

Имзои Қудратзода П.Қ.-ро
тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ДДД Ҷабборӣ Н.Ҷ.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320,
н. Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел: +992 (83312) 22806
16.08.2022 с.